# ҶАНБАҲОИ ГЕНДЕР ДАР СОҲАИ ДЕМОГРАФИЯ

**Муаллиф: Қулов А. -** Сардори Раёсати омори демографӣ, шуғли аҳолӣ ва соҳаи иҷтимоии Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Санаи нашр:** Декабри соли 2013

Масъалаҳои рушди демографии аҳолии курраи замин дар тамоми замонҳо ва дар давраи ҳозираи тараққиёт олимон, мутахассисон-демографҳои тамоми ҷаҳонро ба ташвиш оварда буданд ва ба ташвиш меоранд. Дақиқан, чанд даҳсола пештар ба мо мегуфтанд, ки дарояндаи наздик сайёраи мо аз одамон пур мешавад, ки ин проблемаи ҷойгиркуннониро ба вуҷуд меорад. Чанд даҳсола гузашт ва якбора ҳолат ба самти дигар тағйир ёфт. Ҳоло олимони тамоми ҷаҳон бонги хатар мезананд, ки таваллудкунӣ якбора кам шудааст. Дарояндаи наздик теъдоди одамони синну солашон калон нисбати ҷавонон зиёдтар мегардад. Масъалаҳои мазкур дар ин ё он шакл ба Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дахл доранд, чунки он низ қисми ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Мутобиқи маълумотҳои Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат рушди шумораи умумии аҳолӣ ба назар мерасад (ниг. ба диаграмаи 1.).

Диаграммаи 1. Рушди шумораи умумии аҳолӣ дар солҳои 1991-2012



Дар соли 2013 шумораи умумии аҳолӣ 8100 000 нафарро ташкил дод, ки ин нисбати нишондиҳандаҳои солҳои 1991 ва 2000 мутаносибан 47% ва 29% зиёд аст. Дар соли 2012 афзоиши табиии аҳолӣ 47%-ро ташкил дод. Бо назардошти афзоиши табиии аҳолӣ, дар соли 2030 шумораи умумии аҳолӣ 10480 ҳазор нафарро ташкил хоҳад дод.

Аз рӯи маълумоти Агентии омор, соли 2008 теъдоди умумии мардон 3656,1 ҳазор нафар ва занон 3594 ҳазор нафарро ташкил дод, ки шумораи мардон назар ба занон 62,1 ҳазор нафар ё 1,7 % фоиз зиёд аст. Дар соли 2010 ин фарқият 67,94 ҳазор нафар 1 1,8%-ро ташкил дод, дар соли 2012 бошад, теъдоди занон ба 80 ҳазор нафар расид ё ки 2% камтар буд.

Дарозумрии интизории аҳолии ҷумҳурӣ зиёд мегардад. Соли 1991 нишондиҳандаи интизории дарозумрии мардон 67,3 сол, дар занон - 72,9 солро ташкил дод. Дар соли 2012 нишондиҳандаҳои баландтар, мутаносибан дарозумрии мардон ба 71,1 сол ва занон ба 74,6 сол баробар шуд.

Чӣ тавре ки маълумотҳо шаҳодат медиҳанд, вазни қиёсии аҳолии шаҳрӣ ва деҳотӣ дар ҶТ дар соли 2012 26,7%, ва 73,3%-ро ташкил дод. Дар ин раванд, дар ҷумҳурӣ тамоюли ҷойивазкунии аҳолӣ аз деҳот ба шаҳрҳо дар назар аст.

Аҳолии Тоҷикистон нисбатан ҷавонтар аст, аммо умри миёна афзоиш меёбад. Зиёдшавии на он қадар зиёди мардони синну соли қобили меҳнат мушоҳида мегардад. Таҳлил нишон дод, ки дар соли 2012 нишондиҳандаи шумораи аҳолии қобили меҳнат дар байни мардон (15-63-сола) нисбати занон (15-59-сола) 3,1% баландтар аст.

Тибқи маълумоти расмӣ дар мамлакат дар 5 соли охир рушди миқдори зиёди ақди нигоҳҳо ба қайд гирифта шудааст, вале дар партави он миқдори талоқҳо низ афзоиш ёфтааст. Чӣ тавре ки маълумотҳои расмӣ шаҳодат медиҳанд, агар дар соли 2012 97653 ақди никоҳ ба қайд гирифта

шуда бошад, пас, шумораи талоқҳо ба 7417 адад расид.  Барои муқоиса маълумотҳои 5 соли охирро мисол овардан мумкин аст. Тибқи маълумоти омор дар соли 2010 100678 ақду ниқоҳ ба қайд гирифта шудааст, ки ин назар ба нишондиҳандаи соли 2008 5,4% камтар аст. Дар соли 2010 рушди равандҳои талоқи ақду ниқоҳҳо нисбати соли 2008 дар сатҳи 16% афзоиш ёфт. Чӣ тавре ки коршиносон эътироф менамоянд, тамоюли мазкур, асосан, ба муҳоҷирати оммавии меҳнатӣ, ақди ниқоҳ дар синни куҳансолӣ, мушкилоти иҷтимоию маишӣ ва ғайра  вобастааст. Мутобиқи маълумотҳо дар ҷумҳурӣ инчунин шумораи ақду ниқоҳҳои бақайдгирифтанашуда ба назар мерасад.

**Дар панҷ соли охир** рушди аҳолии ба корҳои фаъол машғул ҳам дар байни занон ва ҳам дар байни мардон мушоҳида мегардад[1]. Тибқи маълумотҳои расмӣ дар соли 2008 4325.6 ҳазор нафар ашхоси қобили меҳнат, ҷумла  2185,3 ҳазор нафар мардон ва 2140,3 ҳазор нафар занон ба қайд гирифта шудаанд, ки ин назар ба нишондиҳандаи мардон  2,1 % камтар мебошад.  Дар соли 2012 нишондиҳандаи мазкур 4855,7 ҳазор нафар, аз ҷумла дар байни мардон 2465,9 ҳазор нафар ва занон 2389,8 ҳазор нафарро ташкил дод, ки 3,1%, ки назар ба нишондиҳандаи байни мардон 3,1% кам мебошад.  Дар асоси маълумотҳои зикршуда ба хулосае омадан мумкин аст, ки рушди аҳолии қобили меҳнат дар ҷумҳурӣ, ҳам байни занон ва ҳам дар байни мардон мушоҳида мегардад ва ин афзоиш дар бозори меҳнати ҶТ ба шиддати иловагӣ мусоидат менамояд.

Мутахассисон, олимон, демографҳо яке  аз даъватҳои ҳазорсолаи навро проблемаи демографӣ медонанд, ки барои мамлакати соҳаи ичтимоиёташ заиф ва дорои иқтисоди давраи гузариш хеле рӯзмарра мебошад. Таҳлили ҳолат нишон медиҳад, ки айни замон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дастрасӣ ба ҳифзи  саломатии модарон, бачагон ва наврасон

[1] Барои тахлил маълкмотҳо дар бораи занони қобили меҳнати 15-59-сола ва мардони 15-63-сола ба ҳиоб гирифта шудаанд.

нокифоя аст, ки ин ба як қатор сабабҳо вобаста мебошад. Сабаби асосӣ – маблағгузории нокифоя, самаранокии сусти хизматрасонии тиббӣ, сатҳи пасти огоҳии аҳолӣ, инчунин таҳлили номукаммали сафати хизматрасониҳои иҷрошаванда, сатҳи пасти мониторинг ва баҳодиҳӣ мебошад.

Маълум аст, ки проблемаи демографии Тоҷикистон, ҳамчун қисми минтақаи Осиёёи марказӣ имрӯз ба вуҷуд наомадааст. Дар ҷараёни ивазшавии як насл (сикл дар 20-25 сол) тамсилаи такрористеҳсолкунии аҳолӣ, қабл аз ҳама аз ҳисоби кам гардидани фавти калонсолон ва кӯдакон тағйир ёфт. Ин раванд барои аҳолии маҳаллӣ оқибати муҳимтарини иҷтимоию фарҳангӣ дорад, ки инчунин дар таъсиррасони ба низоми ҳаёттаъминсозии бисёр минтақаҳо зуҳур ёфтааст.

Дар ҷумҳурӣ дар даҳсолаи охир рушди аҳолӣ, махсусан дар байни нафақахӯрон ва аҳолии калонсоли қобили меҳнат мушоҳида мегардад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон синни нафақа дар байни занон 59-солагӣ, дар байни мардон бошад, 63-солагӣ муайян карда шудааст. Мутобиқи таснифоти СММ  аҳолии мамлакат ҳамон вақт калонсол ҳисоб мешавад, ки агар ҳиссаи шахсони аз 65-сола боло нисбати шумораи умумии аҳолӣ аз 7% зиёдтар бошад. Дар 5 соли охир аз соли 2009 то 2013 шумораи нафақахӯрон 58900 нафар, яъне 11% афзоиш ёфт. Айни замон дар ҷумҳурӣ а таври расмӣ 596,6 ҳазор нафар шахсони дорои синну соли нафақа  (аз ҷумла 3% мардон ва 4% занон ба ҳисоб гирифта шудаанд).

Дар соли 2012 аз шумораи умумии нафақахӯрон 240 5 ҳазор нафар ё ки  40,3%-ро мардон ва  356,1 ҳазор нафар ё ки 59,7 фоизро занон ташкил медиҳанд. Мутаносибан занон нисбати мардон 19,3% зиёд мебошанд.

Диаграммаи 2. Таносуби аҳолӣ бо назардошти синну соли қобили меҳнат




Чӣ тавре, ки аз диаграммаи 2  бармеояд, дар соли 2000 дар мамлакат аҳолии аз синни қобили меҳнат калонсолтар 329,3 ҳазор нафарро ташкил медиҳад, ин нишондиҳанда дар соли 2010 338, 2   ҳазор нафар ё 13% бештарро ташкил дод. Агар рушди табиии аҳолии қобили меҳнатро дар давраи байни солҳои 2010 ва 2012 муқоиса кунем, пас мебинем, ки он 49000 нафар ё ки 14,8 % шумораи умумии аҳолии мамлакатро ташкил медиҳад. Рушди табиии ин қисмати (сегменти) аҳолӣ мутаносибан дар давраи зикршуда 1,2%-ро ташкил дод.  Таҳлил нишон медиҳад, ки, дар сурати бо чунин суръат афзоиш ёфтан, дар соли 2025 рушди табиии аҳолии аз синну соли қобили меҳнат калонтар нисбати нишондиҳандаи соли соли 2000 матавонад тақрибан 39%-ро ташкил диҳад.  Тамоюли мазкур водор менамояд, ки дар бораи проблемаҳои ҳатмии пайдошаванда дар соҳаи захираҳои меҳнатӣ, таъмини нафақа ва суғуртаи ичтимоӣ мулоҳиза карда шавад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар қатори масъалаҳои дигар, дар давраи ҳозира масъалаи таъмини нафақаи шахсони дар мӯҳоҷирати ғайриқонунӣ

қарордошта ба таври кушода боқӣ мемонад. Мутобиқи маълумоти расмӣ шумораи шахсони синну соли нафақа, ки соли 2013 дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор доранд, 9511 нафар, аз ҷумла занон 1486 нафар, ё ки 15,6% шумораи умумиро ташкил ташкил дод.

Қайд кардан муҳим аст, ки бе дар мӯхлати кӯтоҳ ҳал намудани пробдемаҳои демографӣ, мувофиқа намудани нақшаҳо ва стратегияҳои миллӣ, бо назардошти махсусиятҳои демографӣ, рушди миқёси проблемаҳои иҷтимоӣ дар ҷумҳурӣ бештар афзоиш меёбад ва нисбати ҳозира хеле мураккаб мегардад.

Рушди ахолӣ, умуман, суръат мегирад, аммо дар баробари ин проблемаҳои бокортаъминкунии аҳолии қобили меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва таъмини дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ ва тмаорифро пеш меорад.

Мутаносибан кам гардидани теъдоди акди никоҳ ва зиёд шудани ҳодисаҳои талокдиҳӣ метавонанд ба камшавии таваллуд ва афзоиши табиии аҳолӣ, бадшавии вазъи психологӣ дар оила таъсир расонанд, ки ин ба вазъи психологии саломатии бачагон ва тарбияи онҳо дар натиҷаи вайроншавии оила оварда мерасонад,  ин инчунин муносибати бисёрҷанба, коркард ва татбиқи барномаҳои махсуси давлатиро тақозо менамояд. Масъалаи зиёд шудани акди никоҳи бақайдгирифтанашуда низ аз ҷумла хеле мураккаб буда, бисёр проблемаҳоро, махсусан дар байни занон-муҳоҷирони меҳнатӣ ба вуҷуд меорад.

Масъалаҳои зиён дидани ҷомеа ҳам дар ояндаи наздик метавонад барои давлат вобаста ба таъмини нафақа, суғуртаи иҷтимоӣ ва пешниҳод намудани бастаҳои иҷтимоӣ, вобаста ба ба муҳоҷирати оммавии ғайриқонунӣ ба проблемаи ҷиддӣ табдил ёбадАз ин лиҳоз, хеле муҳим аст, ки масъалаҳои қонунигардонии тамоми муҳоҷирони меҳнатӣ дар мамлакатҳои воридкунандаи қувваи корӣ ҳал карда шаванд.

Бинобар ҳамин, дар ҷумҳурии мо зарур аст, ки дар баробари дигар самтҳои афзалиятдор, ки барои онҳо маблағҳои зиёд раона мегарданд, равандҳои демографӣ низ афзалиятнок ҳисоб карда шаванд ва барои таҳияи барномаҳои давлатӣ ҷиҳати ҳалли комплексии проблемаҳои зикршуда маблағҳо ҷудо карда шаванд.